№77 (3098)
25-уми сентябри соли 2021, ШАНБЕ

QR-CODE
@ovozisamarqand
OvoziSamarqand
@OvoziSamarqand

Ватан саҷдагоҳи муқаддас аст!

# Овози Самарқанд

Оғози нашр: 1-уми январи соли 1990

ISSN 2010-6688

E-mail: ovozi_samarqand@umail.uz
http://www.ovozi.uz

ҶУМЛА ТОРИКИСТ ИН МЕҲМОНСАРОЙ, ИЛМ ДАР ВАЙ ЧУН ЧАРОҒИ РАҲНАМОЙ.

АТТОР

Баҳодур РАҲМОНОВ

## НАҚШАИ ПАНҶСОЛАИ РУШДИ ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД МУАЙЯН ГАРДИД

**Дирӯз дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд номзад ба мақоми Президентии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз Ҳаракати тадбиркорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либерал-демократии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо интихобкунандагони самарқандӣ вохӯрд.**




Дар тадбир, ки дар шакли видеоанҷуман, дар ҳоли пайвастан бо студияҳои шаҳру ноҳияҳо баргузор шуд, фаъолони шӯроҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят, депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва шӯроҳои маҳаллӣ, пирамард ва пиразанҳои нуронӣ, ҳунармандон, варзишгарон, фаъолони маҳаллаҳо, зану духтарон, ҷавонон ва кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Тадбирро шахси бовариноки номзад дар вилояти Самарқанд, ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Рустам Холмуродов ифтитоҳ бахшид. Сипас, Шавкат Мирзиёев ба сухан баромада, роҷеъ ба барномаи пешазинтихоботӣ ва корҳое, ки дар панҷ соли оянда дар вилоят амалӣ мегарданд, сухан кард.

– Самарқанд яке аз бузургтарин марказҳои таърихӣ ва фарҳангии давлатдории миллии мо буда, мақоми пойтахти қадимиро соҳиб аст. Ин шаҳри бостонӣ ва беҳамто дар таърихи Ӯзбекистон, дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии имрӯзаи мо мавқеи хос дорад, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Бахусус, дар солҳои охир мавқеъ ва мақоми Самарқанд дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии мо меафзояд. Ҳоло дар вилояти Самарқанд дар радифи дастовардҳо, мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки бояд ҳал шаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини вилоят – беш аз 170 ҳазор нафар аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ ниёз доранд, қариб 65 ҳазор оила манбаи доимии даромад надоранд.

Дар баробари ин, дар панҷ соли оянда ба бозори меҳнат ворид гардидани 200 ҳазор ҷавононро бояд ба ҳисоб гирем.

Масъалаи дуввуми муҳим он аст, ки Самарқанд сераҳолитарин ҳудуди кишвар буда, дар тӯли панҷ соли оянда ба 4,5 миллион нафар мерасад. Барои онҳо шароити хуби зиндагиро фароҳам овардан лозим аст.

Аммо ҳоло 1,6 миллион нафар аҳолии вилоят бо оби мутамаркази ошомиданӣ таъмин нагардидаанд ва 6 ҳазор километр роҳҳои дохилӣ дар вазъи таъмирталабанд.

Аз сабаби кӯҳна шудани шабакаҳои барқӣ, таъминоти барқ дар вилоят яке аз мушкилоти ҷиддии ҳам аҳолӣ ва ҳам тадбиркорон боқӣ мемонад.

Масъалаи сеюм – новобаста аз мавҷудияти имкониятҳо, саноат дар шаҳру ноҳияҳо бо як маром рушд намекунад. Бахусус, дар ноҳияҳои Қӯшработ, Нуробод ва Оқдарё, ки аз ашёи хом бой мебошанд, инкишофи саноат хеле қафо мондааст.

Масъалаи чорум дар он аст, ки аз имкониятҳои кишоварзии вилоят пурра истифода намешавад. Имкониятҳои меваю сабзавоткорӣ ва токпарварии Булунғур, Ҷомбой, Самарқанд, Ургут ва чорводории ноҳияҳои Нуробод ва Қӯшработ пурра истифода намешаванд.

Масъалаи панҷум – дар баъзе аз ҳудудҳои вилоят сохторҳои ҳифзи тандурустӣ ва таълим бо сарбории барзиёд кор мекунанд.

Афзунсозии иқтидори объектҳои ҳифзи тандурустӣ ва ба таври замонавӣ таҷҳизонидани онҳо талаб карда мешавад.

Шавкат Мирзиёев бар асоси ин масъалаҳо дар бораи корҳое, ки дар панҷ соли оянда дар вилоят анҷом дода мешаванд, сухан кард. Нақшаҳо доир ба рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоят маълум карда шуданд.

Зикр гашт, ки бо таъсиси 450 ҳазор ҷойи нави корӣ ду баробар кам кардани камбизоатӣ вазифаи устувор ва мақсади асосӣ мебошад. Дар давоми панҷ соли оянда дар вилоят татбиқи беш аз 5500 лоиҳаи сармоягузории хурду калон бо арзиши 8 миллиард доллар пешбинӣ шудааст.

– Ба нерӯи пурзӯри халқамон такя карда, дар роҳи мақсади ягона ва бузург муттаҳид шуда, мо Самарқандро аз нав ба сайқали рӯи замин табдил медиҳем, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Халқи мо, ки дар таърихи пуршарафи худ шаҳрҳои бузург, давлатҳои бузург ва тамаддунҳоро созмон додааст, барои ин аз ҳар тараф қодир ва аз ҳар ҷиҳат муносиб аст.

Дар идомаи вохӯрӣ намояндагони соҳаҳои гуногун ба сухан баромада, роҷеъ ба барномаи пешазинтихоботии номзад фикру мулоҳизаҳои худро гуфтанд ва шаҳрвандонро ба иштироки фаъол дар интихобот даъват карданд.

***

Дирӯз Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев сафари худро ба вилояти Самарқанд аз зиёрати маҷмӯи Ҳазрати Хизри шаҳри Самарқанд ва мақбараи Аввалин Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримовро оғоз намуд. Аз Қуръон қироат карда шуд.

Сипас, дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд вохӯрӣ бо интихобкунандагони самарқандӣ баргузор гардид.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев ба маҳаллаи «Шарқ тонги»-и шаҳри Самарқанд ташриф оварда, ба хонадони сокини маҳалла Абдунабӣ Абдунасимов даромад, бо шароити онҳо шинос гардида, сӯҳбат кард.

Абдунабибобо дар соҳаи тандурустӣ кор карда, ба нафақа баромадааст. Ҳамроҳи ҳамсараш Гулчеҳрамомо панҷ нафар фарзандро тарбия карда, ба камол расонданд. Ҳоло ӯ дар иҳотаи фарзандон, наберaҳо ва абераҳояш хушнудона умр ба сар мебарад.

Собиқадорони меҳнат дар бораи ҳаёти оилавӣ, фарқи байни дирӯз ва имрӯз сухан ронданд.

– Пештар тамоили давлат, ҷомеа ва инсон вуҷуд дошт. Акнун мо инсон, ҷомеа ва давлат мегӯем. Қадри инсониро дар мадди аввал мегузорем. Тамоми мақомоти иҷроия бо зерсохтори иқтисодӣ ба сохтори поин фаромада, ба одамон кӯмак мекунанд. Ҳамзамон, худи шаҳрвандон ҳам бояд ҳаракат кунанд ва аз шароитҳо босамар истифода баранд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ҳангоми бозгашт бо нурониён, фаъолони маҳалла сӯҳбати самимона анҷом дод. Онҳо гуфтанд, ки дигаргуниҳо дар кишвар, дар шохаҳои иқтисодӣ дар ҳар як шаҳру ноҳияи мамлакат эҳсос мешаванд.

– Солҳои охир ба туфайли талошҳои мо дар ҳокимиятҳо буҷети маҳаллӣ пайдо шуд. Ин пештар набуд, – гуфт Президент. – Мо нақша дорем, ки акнун дар маҳаллаҳо буҷет ташкил кунем. Тасаввур кунед, ки агар маҳалла пули худро дошта бошад, чӣ гуна тағйир меёбад – роҳи худро таъмир мекунад, об мебиёрад, раста мекушояд. Дар оянда ба маҳалла пул ҳам медароянд, талаб ҳам дигар мешавад.

Нурониён ба кишвар оромӣ, ба дастархони мардум фаровонӣ таманно намуда, дуо карданд.

Инчунин, дар доираи ташриф мақбараи Имом Бухориро зиёрат кард. Оятҳои Қуръон хонда шуданд.

Ба Сарвари давлат дар бораи корҳои созандагие, ки дар маҷмаа анҷом дода мешавад, маълумот дода шуд.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба Самарқанд ба анҷом расид.

24 октябри соли 2021
ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН
29 РӮЗ

**Дар доираи тарғиботи пешазинтихоботӣ дар шумораи имрӯзаи рӯзнома мавод дар бораи вазифаҳое, ки дар Барномаи пешазинтихоботии номзад ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз Ҳаракати тадбиркорон ва корчаллонҳо - Ҳизби либерал-демократии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, номзад ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз Ҳизби демократии «Эҳёи миллӣ» Алишер Қодиров ва номзад ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» Баҳром Абдуҳалимов чоп шуданд. Маводи мазкур дар доираи майдони бепули чопӣ, ки барои ташвиқоти пешазинтихоботии номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҷудо шудааст, чоп мешаванд.**

*(Матолиби мазкур дар саҳифаҳои 2 ва 3 нашр мегарданд).*

## «Адолат – барои ҳар як кас»

**Таҳти чунин шиор дар шаҳри Самарқанд бо иштироки Муҳиба Бобобекова, вакили боэътимоди номзади Ҳизби сотсиалӣ-демократии «Адолат» дар интихоботи раисҷумҳурӣ – Баҳром Абдуҳалимов барои расонаҳои хабарӣ брифинг баргузор шуд.**

Бояд гуфт, ки дар ҷамъомади ҳизби демократӣ дар санаи 8-уми сентябр номзадии Баҳром Абдуҳалимов ба мақоми раисҷумҳурӣ пазируфта шуда буд.

Бобобекова дар нишаст оиди ҳаёту фаъолият ва мӯҳтавои барномаи пешазинтихоботии Баҳром Абдуҳалимов маълумот дод. Ӯ гуфт, ки чанде пеш барномаи пешантихоботии Абдуҳалимов таҳти унвони «Адолат мизони асосии зиндагии мост!» чоп шуд.

Ба гуфтаи Бобобекова, ҳизби «Адолат» барномаи худро ба интихобкунандагон тибқи мақсаду вазифаҳои худ ва дар чорчӯби ақидаи «Набояд касе аз эътибор дур монад» таклиф мекунад.

Ҳизб идомаи тадриҷии ислоҳоти соҳаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инсондӯстӣ ва ғайраро мақсади асосии худ медонад. Бунёди ҷомеаи одилона, мубориза шадид бар зидди ҷиноят, коррупсия ва зӯргӯиву зӯроварӣ, аз байн бурдани нобаробарии иҷтимоӣ, адолат дар соҳаи таълим ва идомаи навсозии системаи ҳифзи тандурустӣ ҳамчун вазифаҳои асосии ҳизб муайян шудааст.

Вакили боэътимоди Б. Абдуҳалимов илова кард, ки дар соҳаи иқтисод ҳизб ба «иқтисоди сабз» ва аз байн бурдани иқтисоди пинҳонӣ таваҷҷӯҳ мекунад.

Дар ҳоли ҳозир ҳизби демократии «Адолат» дар сафи худ беш аз 57 ҳазор узви самарқандӣ дорад. Аз ҷумла, соли ҷорӣ 4 ҳазор нафар сокини Самарқанд ба ин ҳизб пайвастанд.

ОБУНА 2022




## ОБУНА БА «ОВОЗИ САМАРҚАНД» ДАВОМ ДОРАД

**ДИЛШОДИ ФАРҲОДЗОД, ШОИРА, УСТОДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД, НОМЗАДИ ФАНҲОИ ФИЛОЛОГӢ:**

**– «Овози Самарқанд» бахши муҳиме дар ҳаёти фарҳангии Самарқанд ба ҳисоб меравад. Дар созмон додани ҳар гуна ҳамоишҳои сиёсиву фарҳангӣ, ҷашнвораҳою маҳфилҳои илмию адабӣ фаъол аст. Бахусус, ҳамкориҳои рӯзнома бо маҳфили адабии эҷодкорони Самарқанд «Қофилаи Рӯдакӣ» пурсамар ҳастанд ва хотирмон мегузаранд.**
**Ба ин хотир гуфтан метавон, ки рӯзнома дар нерӯманд гардидани қувваҳои эҷодии Самарқанд саҳми арзанда дорад.**

ДАР ШАБАКАИ OVOZI.UZ МАВОДИ ҶОЛИБРО ТАМОШО КУНЕД!

ДАР САМАРҚАНД СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ КОРИ ХУДРО ОҒОЗ КАРД

НАТИҶАИ ИСЛОҲОТЕ, КИ ДАР НОҲИЯИ НАРПАЙ АМАЛӢ МЕГАРДАНД

ТАШАББУСҲОИ РӮЗНОМА ДАР ҲАЛЛИ МУАММО ВА МУРОҶИАТҲОИ ШАҲРВАНДОН

НОН БУВАД ЧУН ҶОНИ ОДАМ...

ҲАР РӮЗ АЗ АХБОРИ МАМЛАКАТУ ҶАҲОН ТАВАССУТИ ШАБАКАИ OVOZI.UZ ХАБАРДОР ШАВЕД!

# МАН ЧАРО БА ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ОВОЗ МЕДИҲАМ?

**Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либерал-демократии Ӯзбекистон ба сифати номзад ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро тасдиқ намуд. Ва маълум шуд, ки киҳо ба сифати номзад дар интихобот иштирок менамоянд. Имрӯз имкон ҳаст, ки аз байни номзадҳо якеро интихоб намоем. Агар онҳоро муқоиса кунем, ошкор мегардад, ки Шавкат Миромонович Мирзиёев бино ба як қатор фазилату нишондиҳандаҳо, таҷриба ва қатъияти худ ба сӯйи мақсад бартарӣ дорад. Ба номзадҳои муқобили дигар низ аз ин интихобот то интихоботи баъдӣ талоши пайгирона, сарвати сиёсӣ ва таҷриба мехоҳам.**
**Ҳар кас, бино ба сабабу далеле, бо назардошти иқтидори воқеии интихобшаванда, ба ин ё он номзад овоз медиҳад. Ман низ дар мавриди интихоб сабабҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳатто шахсии худро дорам.**

## 1. ТАНТАНАИ АДОЛАТИ ТАЪРИХӢ

Ман дар деҳаи кӯҳии Ғӯси ноҳияи Ургут ба дунё омадаам. Баъди ақлу ҳушам даромадан, вақте дигарон дар кӯчаю гузарҳо падарамро «Ҳаким босмачӣ» мегуфтанд, ҳайрон мешудам. Дертар, вақте соли 1990 номзадиамро ба депутати Шӯрои олӣ гузоштам, одамони ғаюр ба ман ошкоро даровехтанд, ки «Ин набераи босмачӣ-ку, чӣ хел метавон ӯро ба парлумони шӯравӣ интихоб кард?». Дертар аз кушта шудани бобои падарам Ибодулло қӯрбошӣ огоҳӣ пайдо кардам, падарашонро низ аскарони сурх дар роҳи Испанза парронда будаанд. Дар ман аз модари падарам – момои Зулфия хотираҳо ва як сурат ба ёдгор мондааст. Момоям – Зулфия духтари Ибодулло қӯрбошӣ буд…

Дар аҳди шӯравӣ Қодирию Чӯлпонҳо нимкора сафед карда шуданд. Дертар дар замони бозсозии Горбачёв ба сафед кардани ҷадидон андак саъю кӯшиш ба харҷ дода шуд. Дар давраи истиқлолият, дар ҳоле ки сафедкунии ҷадидон шиддат пайдо кард ва Осорхонаи онҳо созмон дода шуд, бо баҳонаи ин ҷараёни «мураккабу печида»-ро наметавон сафед кард, бойгониҳо аз нав пӯшида шуданд.

8-уми сентябри соли 2020 тибқи фармоиши Президент Шавкат Мирзиёев «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба амиқ омӯхтани мероси қурбониёни солҳои табъид ва абадӣ гардондани хотираи онҳо» бино ба фармоиши раиси Суди олӣ, аз 9-уми феврали соли 2021, бо мақсади ба амал татбиқ намудани масъалаи сафед кардани қурбониёни солҳои табъид ва абадӣ гардондани хотираи онҳо, ки ба сабабҳои маълум реабилитатсия нашудаанд, гурӯҳи корӣ созмон дода шуд. 24-уми феврали соли 2021 ба Суди олӣ 6 кори ҷиноятии нисбати 115 шахс расида, аз ҷониби гурӯҳи корӣ ҳаллу фасл гардид.

Дар корҳои ҷиноии мазкур мавҷуд набудани баённомаи маҷлиси суд ё ҳуҷҷатҳои суд (ҳукм ё қарор), танҳо вуҷуд доштани нусхаи баённомаи маҷлиси сенафараи идораи давлатии сиёсии муттаҳид ошкор гардидааст.

Кори ҷиноие, ки 25-уми августи соли 2021 таҳти раёсати ҷонишини раиси Суди олӣ Икром Муслимов дар маҷлиси кушоди суд таҷдиди назар гардид, протестҳо қонеъ гардонда шуданд. Дар асоси моддаи 83-юми КҶ тартиботи мурофиаи суд 115 нафар шахс бино ба 6 кори ҷиноӣ сафед карда шуданд. Дар ҷараёни суд адвокат Маъруф Алиев қайд намуд: «Шахсоне, ки корҳояшон мавриди назар аст, бо тамғаи «босмачӣ» ҳабс ва ноҳақ парронда шудаанд. Онҳо дар Ватани худ умр ба сар бурда номи босмачиро гирифтаанд, магар босмачӣ аз хориҷи кишвар зер карда намеояд?».

Ягон роҳбари мамлакат то давраи истиқлол ва дар тӯли 25 соли истиқлолият барои сафед кардани «босмачиён» ҷуръат пайдо накард. Танҳо Шавкат Мирзиёев ба ин кор далерона даст зад.

Ман барои ҳамин ҳам ба ӯ овоз медиҳам ва дар талаби онам, ки Офаридгор ислоҳотро пойдор созад!

## 2. ЭҲТИРОМ БА АДАБИЁТ

Рӯзгоре рӯзномае бо номи «Ёзувчи» интишор меёфт. Шодравон Мурод Абдуллоев сармуҳаррири он буд. Тасмим гирифта шуд, ки як тарҷумаам – ҳикояи «Ҳафт ошёна»-и нависандаи модерннигори итолиёӣ Дино Бутссад, ки ягон нашрия чопашро ба ӯҳда намегирифт, дар чор-панҷ шумораи ин рӯзнома рӯйи чопро мебинад. Як шумораи рӯзнома чоп шуду дигар бозистод. Сабабашро аз акои Мурод пурсидам. Гуфт: «Коғаз нест, қарзамон аз ноширон зиёд…» Гуфтамаш: «Раиси Иттиҳоди нависандагон Абдулло Орифов муаллифи суруди давлатӣ мебошад, бар илова, депутат, қаҳрамон… Агар он кас хоҳанд, бо як даҳон гап завод мекушоянд. Хоҳиш кунанд, шояд панҷоҳ-сад тонна коғаз ҷудо мекунанд. Акои Мурод гуфт: «Эҳ, Каримҷон хеле содай-дия. Сиёсатро намедонӣ. Ман вақте ба Абдуллоака гуфтам: ҳеч набошад аз роҳбарони вилоятҳо хоҳиш кунед, ки обунаро зиёд кунанд. Он кас ҷавоб доданд: «Мурод, ман ба ин ҷо барои набаромадани нафаси нависандагон таъин шудаам. Калон медонад, ки ҳизбу ҷунбишҳои гуногун аз байни нависандагон баромадаанд. Аз ин рӯ, то ман дар ин ҷо ҳастам, ягон маҷлис ё интихобот баргузор намешавад. Ту ҳам чор-панҷ шумораи рӯзномаатро барорӣ, кифоя». Воқеан, рӯзнома дигар чоп нашуд, давоми ҳикояро хонанда нахонд.

Ҳамчунин, бинои таърихии Иттиҳоди нависандагон, воқеъ дар кӯчаи Пушкин, ба таври иҷборӣ ба ихтиёри бонки куриёӣ супурда шуд. Созмони эҷодкорон ба чанд ҷо кӯч баст, биное, ки Шароф Рашидов барои нависандагон созонда буд, воқеъ дар рӯ ба рӯйи «Ҳумо арена»-и имрӯза, низ ба ихтиёри Бонки миллӣ супурда шуд.

Танҳо, вақте Шавкат Мирзиёев ба сари ҳокимият омад, барои адибон бинои нав созонд, ба эҷодкорони бехона, бино ба кредити имтиёзнок, хонаҳо ҷудо карда шуданд. Шароити хонаи эҷодии Дӯрмон беҳ гардид. Дар Зомин ва Паркент хонаҳои эҷодӣ бунёд гардиданд. Хулоса, аз имкониятҳое, ки ба аъзои иттиҳодия фароҳам оварда мешаванд, хурсандам.

Чанде қабл дар матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ садо баланд карда будем, ки «Оё осорхонаи Абдулло Қодирӣ вуҷуд дорад?», «Маҳаллаи «Самарқанд дарвоза» дар арафаи вайроншавист». Бо ташаббуси Шавкат Мирзиёев маҳалла дар ҷойи худ мононда шуд, дар боғ дари осорхонаи Абдулло Қодирӣ низ боз гардид, ба адиби бузургамон ҳайкал гузоштанд. Мактаби эҷодии Абдулло Қодирӣ созмон дода шуд. Ин дигаргуниҳо низ, мисле ки ҳазор сол боз вуҷуд дошта бошанд, аз ёдамон баромад.

Барои хидматҳои беназираш ба адабиёту маънавиятамон ба Шавкат Мирзиёев овоз медиҳам.

## 3. СУХАН ДАР БОРАИ ОЗОДИИ СУХАН

Имрӯзҳо намояндаи САҲА бино ба масъалаҳои озодии РАО Тереза Рибейру дар кишварамон анҷуману вохӯриҳо баргузор менамояд. Ин дар тақдири озодии сухан ҳодисаи бузургест.

Огоҳӣ дорем, ки СММ институтҳои байналхалқие, мисли маърӯзагарон бино ба масъалаҳои азиятдидаҳо, дин, комиссар оиди масоили гурезагонро дорад. Узви СММ – Ӯзбекистон маҷбуриятҳои байналхалқиро бар дӯш гирифтааст. Намояндагони СММ, САҲА ва маърӯзагарон ба дунболи ана ҳамин ҳуқуқу озодиҳо меоянд, ки оё риоя мешаванд ё на? Устувории ҳуқуқи байналхалқиро Конститутсиямон эътироф менамояд. Вале дар тӯли чоряк аср ба ворид шудани ягон маърӯзагар, аз ҷумла, маърӯзагар оиди озодии сухан, ба Ӯзбекистон роҳ дода нашудааст. Ва танҳо баъди ба сари ҳокимият омадани Шавкат Мирзиёев дари Ӯзбекистон ба рӯйи ҳамаи намояндагон ва маърӯзагарон кушода шуд. Хатову камбудиҳоямонро эътироф менамоем, дар якҷоягӣ роҳи ислоҳи онҳоро меҷӯем. Суботу қатъият дар озодии сухан қисми асосии таркибии сиёсати нав ва яке аз дастовардҳои муҳими он мебошад.

Шавкат Мирзиёев дар қурултойи OzLiDeP, ки дар «Конгресс холд»-и Тошканд баргузор шуда буд, бори дигар таъкид намуд, ки: «Ман иштирокдорони фаъоли ислоҳотҳо – ҳамаи журналистонеро, ки ҳақиқат ва адолатро эътиқоди худ меҳисобанд, дӯстони наздиктарини худ меҳисобам ва онҳо ҳамеша дар ҳимояи Президент хоҳанд буд»…

Ман, барои он ки ҳарчанд осон набошад ҳам, сарфи назар аз эътирози баъзе мансабдорон, ӯ рӯ ба рӯйи танқидҳо бурдборӣ зоҳир менамояд ва дар роҳи озодии сухан собитқадам аст, ба Шавкат Мирзиёев овоз медиҳам.

## 4.МУШКИЛИ ИСЛОҲОТ ВА СУБОТ ДАР ҚАРОР

Ба Шавкат Мирзиёев, ки аз ҷониби OzLiDeP ба сифати номзад ба Президентӣ пешниҳод мегардад, осон нест. Ҳамаи корҳои мусбатеро, ки дар мамлакат анҷом дода мешаванд, ба номи ӯ вобаста мекунем. Аммо, табиист, ёфт мешаванд нафароне, ки бори масъулияти баъзе сабабҳое, ки ба пешрафти ислоҳот халал мерасонанд ва нуқсону камбудиҳоро низ ба дӯши сиёсати ӯ бор мекунанд. Вале ӯ халқро ба ҳамкорӣ ба корҳои нек даъват менамояд ва беҳуда таъкид намесозад, ки «масъулияти оянда ба дӯши ҳамаи мост».

Шавкат Мирзиёев ин маъниро ба интихобот пайваст ва гуфт, ки: «Ҳеч гоҳ фаромӯш накунед, ки ҳуқуқи эътироф ва интихоб дар дасти шумост». Яъне, вақте номзадро интихоб менамоем, барномаи ӯро низ интихоб мекунем ва дар пиёда кардани ислоҳот на фақат хайрхоҳӣ, балки иштирок ва амалкарди шахсии мо низ зарур аст.

Ба ниятҳои нек расидан осон нест, зеро куҳнаандеш, порахӯр ва қаллобон ба осонӣ ҷон намедиҳанд. Мушкилот пеш меояд. Муҳимаш, аз онҳо чашм пӯшида намешавад, даҳони онҳоеро, ки аз мушкилот мегӯянд, намебанданд, роҳбари давлат ба аҳди худ устувор аст.

Барои ҳамин боварӣ ва азму субот ба Шавкат Мирзиёев овоз медиҳам.

## 5. ОДАМИГАРӢ

Номи модарам Қумрӣ буд. Баъди ба воя расидан дарк кардам, ки он номи мурғест аз зумраи мусичагон. Модарам, воқеан, мисли мусича инсони хоксору беозор буд. Табиист, ки дар назари ҳама модараш аз беҳтарин занони дунёст. Аммо, аз рӯзи ақлу ҳушам даромадан, ёд надорам, ки модарам бо ягон ҳамсоя ҷанҷол, ё садояшро баланд карда бошад.

Модарамро доимо дар ҳоли раҳпой пеши назарам меоварам. Дашноми холаҳоямро, ки мегуфтанд: «Модарат бо ду чашми боз ба раҳат аз дунё гузашт» амиқ дарк менамоям. Ин айби ман. Ҳоло ман худ чашм ба роҳи фарзандон шабу рӯзҳоро пушти сар мегузорам. Бад-ин тарз, рӯзҳо мегузаранд. Рӯзе дарк мекунем, ки вақти пушти сар монда на рӯз, балки умр будааст…

Сабаби такрор ба ёд овардани модарам он аст, ки вақте ӯ аз олам даргузашт, ба деҳаи кӯҳии Ургут бо мушовири давлатии Президент Мавлон Умурзоқов, Вазири таълими олӣ Оқил Салимов, вазири адлия Алишер Мардиев Шавкат Мирзиёев низ бо афсаре, ки Илҳом ном дошт, барои фотиҳахонӣ омада буд. Имрӯз низ мебинем, ки ба хонадонҳои инсонҳои шинохтае мисли Анвар қорӣ Турсунов, ҳазрати муфтӣ Усмонхон эшон ва ҳокимоне, ки бар асари вируси тоҷдор фавтидаанд, рафта фотиҳа мехонад.

Дар кишвари мо кай, кадом роҳбар ин хел одамгарӣ карда буд?

Ман барои ҳамин одамигариаш ба Шавкат Мирзиёев овоз медиҳам ва ба собитқадамии ӯ дар ин роҳи пуршараф бовар дорам!

**Карим БАҲРИЕВ,** нависанда.

БА НОМЗАДИ ҲАРАКАТИ ТАДБИРКОРОН ВА КОРЧАЛЛОНҲО – ҲИЗБИ ЛИБЕРАЛ-ДЕМОКРАТИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ОВОЗ ДИҲЕД!

# ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ – АСОСИ ТАРАҚҚИЁТИ МИЛЛӢ

**Ҷоннисори роҳи истиқлолияти миллӣ, яке аз асосгузорони мактаби ҷадидӣ - Абдурауф Фитрат барои маҷаллаи худаш созмондода шиори «То майна тағйир наёбад, ба дигар тағйиротҳо замина фароҳам намеояд»-ро интихоб намуда будааст.**
**Бобоямон Авлонӣ бошад, гуфта буд: «Таълиму тарбия барои мо масъалаи ҳаёт ё мамот, ё наҷот, ё ҳалокат, ё саодат, ё фалокат аст».**
**Чунин қаробатҷӯиҳо собит менамоянд, ки дар ҳар гуна замону макон таълиму тарбияро масъалаи муҳим ҳисобидаанд.**



Агар ислоҳоти солҳои охир татбиқшудаистодаро амиқтар таҳлил намоем, хоссатан, дар соҳаи таълим, мебинем, ки ба рушди зинаи аввали тарбия – соҳаи таълими томактабӣ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ рӯйи эътибор гардонда шудааст. Ин, албатта, далели он аст, ки дар Ӯзбекистони нав низ таълиму тарбия ба масъалаи «ҳаёт ва мамот» табдил меёбад.

Дар барномаи ҳизби мо низ, ки аз рӯзҳои аввали кору фаъолияти худ ба шиори «Инсон тағйир ёбад, ҷамъият тағйир меёбад» амал менамояд, ин масъала чун самти асосӣ интихоб гардидааст.

*Бино бар ин ҳам дар барномаи пешазинтихоботии худ пешниҳод ва ибтикороти коркарди барномаи давлатии таълиму тарбияеро, ки аз рӯзи таваллуди бача то давраи хатми мактабро дар бар мегирад, ҳамчунин, роҳандозии низоми «Оила – кӯдакистон – мактаб»-ро ба миён гузоштам. Дар ин маврид, ҳамчунин, пешниҳод карда истодаам, ки дар оила барои фарзанди солимро ба дунё овардан ва додани тарбияи дуруст ба ӯ, бояд падару модароне, ки фарзанди то 18-сола доранд, мавриди дастгирӣ қарор гиранд, ба масъулияти онҳо афзудан лозим.*

Бояд гуфт, ки дар ин ҳол маблағгузории кӯдакистонҳо аз ҷониби давлат ва маҷбурӣ гардидани соли охири давраи кӯдакистон басе муҳим аст.

Мо ба масъалаи зиёд кардани маоши омӯзгорон низ бино ба мақсаду вазифаҳои ҳизбамон қаробат ҷустем. Яъне, аз нигоҳи мо, бояд дар ин соҳа танҳо нафароне кор кунанд, ки сазовори номи баланди педагоганд. Барои ин, қабл аз ҳама ба муассисаҳои таълими олӣ, ки барои соҳа кадрҳо тайёр мекунанд, рӯйи эътибор мегардонем.

Бояд эътироф кард, ки мо тӯли солҳои дароз ба мураббӣ, педагог ва омӯзгорон чун ба қувваи кории арзонтарин нигоҳ кардем. Хатоҳои дар тӯли солҳо ислоҳнагардида сабаби хароб гардидани сохтори таълиму тарбия гардид.

Ба омӯзгоре, ки ба писарону духтаронамон ё набераҳоямон тарбия медиҳад, аз Навоӣ ва Фузулӣ тарзи ғазал хонданро меомӯзад, эътибори зарурӣ дода шуд. Шукр, ки солҳои охир ана ҳамин хатоҳо эътироф гардиданд ва муносибат ба соҳа ба дараҷаи далатӣ бардошта шуд.

Бо назардошти мақсаду ғояҳое, ки ҳизбамон ба миён гузоштааст, дар барномаи пешазинтихоботиам ин масъалаҳо бартарӣ пайдо карданд. Нияти некамон ин аст, ки дар мактабҳо тарзи идора, муносибат ба омӯзгор ва ташкили корҳои таълиму тарбия куллан тағйир ёбад. Мехоҳам, ки дар мактабҳо тартиби таълим додани ғайримутахассис аз фанҳо бекор карда шавад, омӯзгор кори худро бо завқ, дӯст дошта анҷом диҳад, ҳис кунад, ки меҳнати гаронаш қадр карда мешавад. Ба он андоза фаъол бошад, ки дар баробари мавзӯи дарс, донад, ки дар дунё як соат пеш мутааллиқ ба мавзӯи ӯ чӣ ҳодиса рӯй додааст. Барои ин бояд маъмурияти мактаб омӯзгорро бо воситаҳои замонавӣ ва муҳити созгор таъмин намояд. Ба омӯзгор озодӣ бояд дод, то баъди анҷоми кор, хоҳад дар китобхона монад, нахоҳад ба хонааш равад. Дар куҷое, ки барояш мусоид аст, ба ҷойи ҳисоботнависӣ оиди корҳои анҷомдодааш дам гирад, ғами оила ва хонандагонашро хӯрад.

Масъалаи дигар: фанни нави «Тарбия»-ро, ки чанде қабл дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ҷорӣ шудааст, аксар вақт ба дӯши омӯзгорони фанни география, математика ё таърих бор мекунанд. Ҳол он, ки ин фанро бояд «тарбиятгар»-оне дарс диҳанд, ки педагогика, психология, физиология, арзишҳои динӣ ва умумиинсониро мукаммал медонанд. Биноан, чунин меҳисобем, ки дар донишгоҳҳои олӣ бояд мутахассисон аз рӯйи ихтисоси тарбиятгар дар 2 тоифа, яъне ибтидоӣ (0–7) ва наврасӣ (8–18) омода карда шаванд.

Бояд бигӯем, ки хонандаро ҳанӯз дар мактаб ба ҳаёти баъдимактабӣ тайёр кардан лозим. Шурӯъ аз синфи 6 тибқи барномаҳои алоҳида кор бурдан бо хонандагоне, ки ба илм иштиёқ доранд ва хонандагоне, ки соҳибкор будан мехоҳанд, кор бурдан аз муҳимтарин талаботи рӯз аст. Яъне, дар ин ҷараён «орзую ҳавас»-и падару модар омили ҳалкунандаи тақдири фарзанд нагардад. Нуқтаи назари «Агар мехондӣ, одам мешудӣ!» ва «Ман нахондам, фарзандам хонад» набояд ба гурӯҳбандии омӯзгор таъсир расонад. Мо, ҳамчунин, аз баҳри нуқтаи назари танҳо маълумоти олӣ – гарави фаровонӣ бароем. Мисолан, дар Хитой танҳо 30–35 фоизи хатмкунандагон ба дунболи гирифтани маълумоти олӣ будаанд, боқимондаҳо роҳи соҳибкориро пеш мегирифтаанд.

Ин ҳам ба дӯши педагог ва омӯзгорон бори масъулият мегузорад. Пас, дар ин ҷараён ба омӯзгорон рағбат лозим. Биноан, пешниҳод менамоем, ки ҳаққи меҳнати омӯзгорон таҳти назорати камера мутобиқ ба холҳои рейтинг муайян карда шавад. Агар чунин дигаргуниҳоро ба амал татбиқ намоем, мактабҳои мо на шаклан, балки мазмунан замонавӣ мегардад.

Агар бо як сухан ифода намоем, ба вуҷуд овардани насли нави омӯзгорон дар мактаб, омода кардани мутахассисони донишманд дар донишгоҳҳо аз вазифаҳои мост..

Вақте сухан аз таълиму тарбия меравад, намешавад доир ба ҳолати имрӯзи сохтори таълими олӣ муносибат баён накард.

*Бояд гуфт, ки сохтор тағйироти калонро пушти сар гузошт. Бахусус, фарогирӣ ба таълим аз 9 фоиз ба 28 фоиз афзуд. Теъдоди муассисаҳои таълимӣ зиёд шуданд. Аммо таҳлили мушкилоти таркиби сохтор нишон медиҳад, ки бояд ислоҳоти куллӣ гузаронда шавад. Биноан, дар барномаамон пешниҳод намудем, ки Вазорати таълими олӣ барҳам дода шуда, ба ҷойи он Шӯрои ректорони назди Президент созмон дода шавад. Ин маънои онро дорад, ки сохтори мазкур аз тасарруфи давлат бароварда мешавад.*

Шояд ба ин пешниҳод баъзе ҳамватанон эътироз баён кунанд, аммо чун дигар мамлакатҳои дунё, Ӯзбекистон низ бояд ба сохтори дохил шудан осон, вале хондан душвор гузарад. Бе ин наметавон ба мақсад расид.

Бояд гуфт, ки дар асри XXI, ки ҷараёни ҷаҳонишавиро аз сар мегузаронад, таназзули маънавӣ – мушкили дараҷаи аввали дунё, натиҷаи хатои инсоният дар боби маънавият ва тарбия ҳисобида шудааст.

Имрӯз дар давлатҳои рушдкардатарини демократӣ низ мушкили «авлоди бохта» аз тартиби рӯз наафтидааст. Инро ба он вобаста мекунанд, ки дар оила, кӯдакистон ва мактаб тарбия ба масъалаи дараҷаи дуюм табдил ёфтааст.

Дуруст, фарқ байни тарзи ҳаёти озоди як қатор давлатҳо ва тарзи ҳаёту ахлоқи ҷамъиятии дар Шарқ ташаккулёфта аз замин то осмон аст.Аммо дар баъзе давлатҳои қитъаи кӯҳна ба арзишҳои азалӣ бармегарданд, ин аз он дарак медиҳад, ки дар ин кишварҳо тарбия волоият пайдо мекунад.

Бо назардошти ин ҳама, тарбия ва таълимро чун масъалаи устувортарин пазируфтам.

*Ба барномаам масъалаи ислоҳ намудани киноиндустрияи миллиро, ки қодир аст ба шуури миллионҳо нафар ҳамватанонамон бевосита таъсир расонда, ҷаҳонбиниашонро тағйир диҳад, даровардаам.*
*Агар 24-уми августи соли равон дар интихоботи Президентни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба ман овоз диҳед, вазифаҳои ба тарбия ва таълим, маънавият ва маърифат иртиботдоштаро, ки дар ҳамаи давру замонҳо масъалаи «ҳаёт ва мамот» маҳсуб ёфтаанд, пурра иҷро мекунам.*

**Алишер ҚОДИРОВ,**
номзад ба Президентии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон
аз Ҳизби демократии «Эҳёи миллӣ».

MILLIY TIKLANISH DEMOKRATIK PARTIYASI
БА НОМЗАДИ ҲИЗБИ ДЕМОКРАТИИ «ЭҲЁИ МИЛЛӢ» АЛИШЕР ҚОДИРОВ ОВОЗ ДИҲЕД!

# АДОЛАТ – МАҲАКИ АСОСИИ ҲАЁТ ВА БАРНОМАИ МО

**24-уми октябри соли равон Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳаёти халқи мо аз ҷумлаи воқеаҳои муҳим хоҳад буд. Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ва номзади он ба президентӣ Баҳром Абдуҳалимов дар Барномаи пешазинтихоботии худ чӣ гуна масъала ва ҳадафҳоро пайгирӣ менамояд? Дар зер бо ҷиҳатҳои асосии ин барнома ошно мешавем.**



Иштирок дар интихоботи президентӣ нафақат барои ман, балки барои ҳизбамон низ имтиҳони бузург аст. Бояд таъкид сохт, ки барномаи пешазинтихоботӣ натиҷаҳои тараққиёти Ӯзбекистонро то имрӯз умумӣ мекунад ва дар асоси таклифҳо баҳри бартараф сохтани камбудиҳо коркард шудааст. Ба барномаи пешазинтихоботӣ суханони «Адолат – маҳаки асосии ҳаёти мо» ба сифати шиори асосӣ қабул гардид. Он баёнгари эътиқод ба анъанаҳои ҳизби сотсиал-демократии мо ва садоқат буда, халқамонро дар роҳи бунёди ҷамъияти одил қарин месозад.

Вобаста ба ин, дар назди мо муайян кардани вазифаҳои стратегӣ дар пешомади наздик ва миёна, ҳамчунин ба амал татбиқ сохтани онҳо истодаанд:

Самти устувори аввалин – ҳадафи мо бунёди ҷамъияти одил ва давлати адолатпарвар аст.

**Барои ҲСД «Адолат» инсон – қадрияти олист!**

Таъмин сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои он, эъзоз намудани ҳуввияти ҳар як шахс хусусияти ҷудонопазири ҷамъияти озод ва одил аст.

Мо бобати афзудани масъулият ва ҳисоботдории депутатҳо дар назди интихобкунандагон ва ҳизб, фаъолияти онҳоро бо ҳаёти халқ узван пайванд кардан чораҳо меандешем. Механизмҳои ҳуқуқии бозхондани депутатҳоеро, ки ба эътимод сазовор нашудаанд, кор карда мебароем ва барои ба қонунгузорӣ ворид кардани онҳо чораҳо меандешем.

Аз тариқи пурзӯр кардани нақши Шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ назорати депутатӣ ва ҷамоатиро аз болои ҳокимияти иҷроия ба роҳ мемонем. Низоми интихоби ҳокимони маҳаллиро дар амал татбиқ намуда, мансаби раисони Шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқиро новобаста аз вазифаи ҳокимон ба тарзи алоҳида ҷорӣ мекунем.

Мақсади мо бартараф сохтани тамаъгарӣ дар тамоми соҳаҳои идораи давлатӣ, бахусус низоми суд ва дар фаъолияти идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, соҳаи таълим мебошад. Дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон муҳит ва маданияти муносибати оштинопазирро нисбати тамаъгарӣ ташаккул дода, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор сиёсати «Дастҳои тоза»-ро ҷорӣ мекунем, устувории қонунро таъмин менамоем.

**Самти устувори дуюм – ин пойдории адолат ва қонун мебошад.**

Дар ин самт ба муқобили ҷинояткорӣ, порахӯрӣ, тамаъгарӣ, зӯроварӣ оштинопазирона мубориза мебарем.

Танҳо, вақте ки қонунҳо адолатнок бошанду ҳуқуқҳои инсон дар амал ҳимоя шаванд, одамон қонунро ҳурмат мекунанд ва ба он итоат менамоянд.

Ҷазо ва ҷаримаҳои ғайриодилонаро аз нав дида мебароем. Мо, пеш аз ҳама, ба даромади воқеии халқ мутаносиб будани ҷаримаҳо, ҳамчунин бо назардошти дараҷаи хавфнокии иҷтимоӣ таъин шудани ҷаримаҳоро таъмин менамоем. Барои баъзе навъҳои ҷиноят истифодаи чораҳои ҷазои маънавиро пеш мебарем.

Дар фаъолияти сохторҳои мақомоти идораи давлатӣ, назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба вайрон шудани меъёрҳои қонун, талқини нодуруст ва худсаронаи онҳо, ҳамчунин ба муқобили расмиятбозӣ ва бар зидди тамаъгарӣ қатъият мубориза мебарем.

Тамоми ваколатҳои вобаста ба иҷро ва муассисаҳои иҷрокунандаи ҷазоро ба мақомоти холис – садорати идораи адлия месупорем, ки ваколати пурсиш ва тафтиш надоранд.

**Самти устувори сеюм – ин муқаррар кардани адолати иҷтимоӣ аст.**

Мо ба устувории қонунгузории меҳнат муваффақ мешавем, нисбати суиистифода (эксплуататсия)-и ходимон қатъиян мубориза мебарем. Чораҳои куллан беҳтар кардани шароити моддии тамоми аҳолии мамлакат, сарватманд сохтани ҳар як инсонро меандешем. Асоси қонунии «Музди камтарини меҳнат», «Музди камтарини зиндагӣ» барин мафҳумҳоро фароҳам меоварем.

Ҳар як инсон ҳақ дорад соҳиби манзил бошад. Мо нархи хонаву манзилро қатъиян кам мекунем. Хонаҳои мувофиқи ҳама ва мувофиқи ҳамён шарти муҳими ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Табақаи ба ҳимояи иҷтимоӣ муҳтоҷи аҳолиро бо манзилҳои мунитсипиалӣ таъмин менамоем.

**Самти устувори чаҳорум – ин дар соҳаи таълим пойдории адолатро таъмин кардан мебошад.**

Сармоягузорӣ ба таълим – маънои сармоягузорӣ баояндаи Ӯзбекистон, барои фаровонҳолии халқ, таъмин кардани рақобатбардории давлатро дорад ва дар ин бобат омили муҳим ба ҳисоб меравад.

Сифат ва самаранокии таълими томактабиро ба дараҷаи баланд мебардорем. Кӯдаконро ба ташкилотҳои таълими томактабӣ чун имрӯз аз сесолагӣ не, балки аз дусолагӣ, бидуни навбатпоӣ, сад фоиз фаро мегирем, низоми таълими давлатии томактабиро куллан ройгон месозем.

Барои минбаъд баланд бардоштани обрӯву эътибор ва мақоми ҳуқуқии омӯзгорон, зиёд кардани маош ва афзудани мавқеи иҷтимоии онҳо қонуни «Дар бораи мақоми омӯзгор»-ро қабул мекунем.

Мо барои бартараф сохтани парокандагӣ, зиддиятҳое, ки дар низоми таълим ҷой доранд, вазоратҳои таълими томактабӣ, таълими халқӣ, таълими олӣ ва миёнаи махсусро ба Вазорати ягонаи таълим табдил медиҳем!

**Самти устувори панҷум – ин илму фан – омили адолат ва тараққиёт аст.**

Барои бунёди ҷамъияти одил ва давлати адолатпарвар аҳамияти таълим, илму фан ва инноватсияҳо бузург мебошад.

Ба онҳое, ки бо таълим ва илму фан машғул мебошанд, хонаву манзилҳои ройгон пешниҳод мекунем. Маблағе, ки барои таъмин кардани илму фан сарф мегардад, дар соли 2030-ум то ба 2 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёд карда шуда, аз буҷаи давлатӣ таъмин гардидани ин маблағро зина ба зина таъмин месозем.

Олимон, тамоми ихтироъҳо ва ихтироъгаронро дастгирӣ менамоем, рағбатнок месозем ва барои онҳо шароитҳои заруриро фароҳам меоварем! Миқдори муҳандис, технолог, агроном-механизатор барин ихтисосҳоро, ки муҳаррики ҳақиқии иқтисодиёт мебошанд, зиёд мекунем ва малакаашонро мебардорем.

Ба сифати пойдевори Эҳёи сеюм аз тариқи инкишоф додани илму фан ва инноватсияҳо алоқаманди узвии низоми илм – таълим ва истеҳсолотро таъмин мекунем.

**Самти устувори шашум – ин саломатии аҳолӣ мебошад.**

Хизмати кафолатноки тиббӣ ба аҳолӣ, рағбатноксозии меҳнати кормандони тиб, технологияҳои замонавӣ ва усулҳои табобатро васеъ ҷорӣ менамоем, аз нав ташаккул додани низоми нигаҳдории тандурустиро идома медиҳем.

Низоми «тибби ақлӣ»-ро ташаккул дода, барои баланд бардоштани маданияти тиббии аҳолӣ «Барномаи миллӣ» қабул мекунем.

Мақоми «ходими тиббӣ»-ро мушаххас месозем, бо мақсади таъмин сохтани ҳифзи иҷтимоии онҳо ва пешгирӣ кардани ҳама гуна тазйиқҳо пойгоҳи мавҷудаи ҳуқуқро беш аз пеш такмил медиҳем.

**Самти устувори ҳафтум – ин зан – муқаддас, оила – асоси ҷамъият аст.**

Ба мақсади таъмин сохтани инкишофи устувори саломатии репродуктивӣ ва рушди демографии оила ғояи консептуалии «Оилаи солим – ҷамъияти солим»-ро дар амал татбиқ менамоем.

Барои соҳиби дониши амиқ ва маҳорати касбӣ гардидани занону духтарон имкониятҳои васеъ, дар бозори меҳнат барои онҳо имтиёз фароҳам овардан, ба бонувон барои ба роҳ мондани тиҷораташон кӯмак расонидан яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ҳизб ба шумор меравад.

**Самти устувори ҳаштум – ин бо маънавияти баланд роҳ ҷониби адолат мебошад.**

Адолат ва маънавият мафҳумҳое мебошанд, ки ба якдигар зич вобастаанд.

Аз ин нуқтаи назар мо барои дар ҷамъият фароҳам овардани афкори солим ва мустаҳкам сохтани муҳити маънавиву ахлоқӣ, ҳамчунин солимгардонӣ механизмҳои самаранокро кор карда мебароем.

Барои таъмин сохтани пойдории тарбияи маънавӣ Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» зарур мешуморад, ки давлат рӯйхати тамоми ёдгориҳои маданӣ, таърихӣ ва табииро тартиб диҳад, ҳифз намояд ва барои ҳифзи онҳо маблағ ҷудо кунад, ҳамчунин «Қоидаҳои тарзи рафтор ва одобу ахлоқ дар ҷамъият»-ро, ки ба суннатҳои таърихии мо такя мекунанд, тартиб диҳад ва татбиқи онҳоро пеш гузорад.

**Самти устувори нӯҳум – ин иқтисодиёти пурсамар – омили тараққиёт аст.**

Иқтисодиёт вақте инкишоф меёбад, ки он озод ва рақобатбардор бошад. Мо аз тариқи пурзӯр кардани рақобат монополияро барҳам медиҳем. Шартномаеро, ки дар байни супоришгар ва иҷрогар баста мешавад, ба воситаи пуриқудрати ҳуқуқӣ табдил медиҳем, дар ин ҷараён ба дахолати ҳокимият роҳ намедиҳем. Ҳама гуна низоъҳо аз тариқи қарори суд ҳаллу фасл мешаванд.

Тамоми пардохтҳои ситонидашуда (ҷаримаҳо, боҷҳои давлатӣ, даромадҳо ва дигар пардохтҳои иҷборӣ)-ро пурра ба буҷаи давлат равона мекунем. Ҳама гуна фондҳои махсус, ки «ҳамёни шахсӣ»-и ташкилотҳои дараҷаи гуногуни давлатӣ мебошанд, бекор мекунем, ба буҷаи давлатӣ равона гардидани маблағҳоро таъмин менамоем.

**Самти устувори даҳум – ин сиёсати сулҳхоҳона, одилона ва пешқадами хориҷист.**

Мо минбаъд низ сиёсати дар соҳати байналхалқӣ баланд бардоштани нуфузи мамлакатамон, ҳамроҳ нашудан ба ҳама гуна блокҳо ва коалитсияҳои ҳарбӣ, алоқа накардан бо ҷунбиш ва созмонҳое, ки мақсадҳои ҳарбиро дар назар доранд, мустаҳкам кардани робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарии Ӯзбекистонро бо давлатҳои хориҷӣ пеш мебарем.

Дар бобати бо ҳамсоягони наздик идома додани сиёсати рӯшод, дӯстона ва прагматикӣ содиқ мемонем. Сиёсатеро, ки Ӯзбекистон бинобар мустаҳкам кардани муҳити осоиши байнимиллӣ ва кушодадилии динӣ мебарад, беш аз пеш таҳким бахшидан ба робитаҳои бисёрасринаи дӯстӣ ва некҳамсоягӣ, шарикии стратегӣ ва эътимоди тарафайн бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки амалӣ мешаванд, идома медиҳем.

Муътақидем, ки ин мақсадҳои бузурги ҳизб аз ҷониби интихобкунандагон дастгирӣ мешаванд!

Мақсади мо дар ин сарзамин, ки барои ҳамаамон азизу муътабар аст ва дар ҳар як хонавода истиқрори сулҳу осоиш, оромиву осудагӣ мебошад.

Ӯзбекистон – хонаи умумии мост. Модоме, ки чунин аст, ҳар як шаҳрванди он ҳақ дорад озод, осуда, бо осоиш ва фаровонҳол зиндагӣ кунад!

**Баҳром АБДУҲАЛИМОВ,**
*раиси Шӯрои сиёсии ҲСД «Адолат», номзад ба Президентии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.*

ADOLAT SOTSIAL-DEMOKRATIK PARTIYASI
БА НОМЗАДИ ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТИИ «АДОЛАТ» БАҲРОМ АБДУҲАЛИМОВ ОВОЗ ДИҲЕД!



# Нахустин доктори фахрии донишгоҳ

**Б.ЗОҲИР**

Соҳиби ҷоизаи нобелӣ аз фанни кимиё, аъзои академияи фанҳои илмии Амрико доктор Азиз Санҷар бо устодону шогирдони Донишгоҳи давлатии байналхалқии туризми «Ипак йулӣ» (Роҳи абрешим) вохӯрии хотирнишон гузаронд.

Вазири туризм ва варзиш, ректори донишгоҳи мазкур Азиз Абдуҳакимов меҳмони олиқадр, олими намоёни Туркияро хайра мақдам гуфта, дар шароити тантанавӣ ба ӯ додани унвони фахрии доктори донишгоҳи худро расман эълон карда, бо ин унвони баланд табрик гуфт.

Сипас меҳмони олиқадр ба сухан баромада, ба толибилмон комёбиҳои нав ба нав таманно намуд.

Инчунин, доктор Азиз Санҷар меҳмони донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд низ шуд.

*Ҳар он сирре, ки дорӣ, бо дӯст дар миён манеҳ, чӣ донӣ, ки вақте душман гардад ва ҳар газанде, ки тавонӣ, ба душман марасон, бошад, ки вақте дӯст шавад. Розе, ки ниҳон хоҳӣ, бо кас дар миён манеҳ, агарчи дӯсти мухлис бошад, ки мар - он дӯстро низ дӯстони мухлис бошанд, ҳамчунин мусалсал..!*

**Саъдии ШЕРОЗӢ**

# Донишгоҳи Самарқанд - 600 сола!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА**

Дар таърихи 21-уми сентябри соли 1420 аллома Мирзо Улуғбек дар мадрасае, ки бо ташаббуси ӯ дар майдони Регистон бори нахуст ба шогирдонаш дарс гузашт, бо гузашти айём садҳо нафар дар мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек сабақ гирифта, барои ривоҷи илму фарҳанг саҳми арзанда гузоштаанд.Аз ҳамин сабаб, бо салоҳдиди сарвари давлати мо донишгоҳи давлатии Самарқанд ворисӣ муносиби мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек дониста шуд.

Минбаъд 21-уми сентябр ҳамчун Рӯзи донишгоҳи давлатии Самарқанд қайд карда мешавад.

Бо ҳамин муносибат дар мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек анҷумани байналмилалии бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст, ки дар он аз бисёр кишварҳои ҷаҳон вакилон ташриф оварда, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад карданд. Яке аз меҳмонони олиқадр соҳиби ҷоизаи Нобелӣ, аъзои академияи миллии Амрико Азиз Санҷар аст.

– Хеле роҳ тай намуда дар анҷумани бонуфузи илмии байналмилалии Самарқанд ширкат варзидан барои ман бахти бузург аст, – иброз дошт ҷаноби Азиз Санҷар. – Бояд таъкид намуд, ки Самарқанд барои ривоҷи илму дониш ва тамаддуни Шарқ саҳми арзанда гузоштааст. Ба фикри ман қарори адолатпарвар аст ки мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек асосгузори Донишгоҳи давлатии Самарқанд мебошад.

Бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлати мо мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев дар соҳаи таълими олӣ ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ мешавад, ки натиҷаҳои онро дар мисоли Донишгоҳи давлатии Самарқанд дидан мумкин аст, – гуфт ректори донишгоҳи мазкур, сенатор Рустам Холмуродов, – панҷ сол қабл аз ин дар мактаби олии мо 6 ҳазор нафар таҳсил мегирифтанд, ҳоло ин нишондиҳанда ба 30 ҳазор нафар расидааст. Бо 50 мактаби олии дунё ҳамкорӣ дорем, ки аз нуфузи баланд доштани донишгоҳи мо гувоҳӣ медиҳад.

Қарор қабул карда шуд, ки минбаъд 21-уми сентябр ҳамчун Рӯзи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҷлил мешавад.

Дар тадбир ҳокими вилоят Эркин Турдимов ба сухан баромад.

## ХАБАРҲО АЗ МАКТАБҲО

# Вохӯрии се авлод дар Камонгарон

**Мурод ҚУРБОНЗОДА,**
*Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, ҷоизадори медали «Шӯҳрат».*

Дирӯз дар толори мактаби миёнаи рақами 102-и маҳаллаи Камонгарони ноҳияи Ургут вохӯрии се авлод шуд.

Мактаббачагон дар зери садои мусиқӣ меҳмононро бо гулдастаҳо пешвоз гирифтанд.

Тадбирро директори мактаб Обидҷон Қурбонов кушод.

Нахуст ҳокими ноҳия Ботур Ҷабборов ба сухан баромада, гуфт, ки имрӯз ман бо вакилони се авлод сӯҳбат карда истодаам. Шодам, ки бо чунин тадбирҳо дӯстӣ ва тифоқии ҳамдигарро боз ҳам мустаҳкам менамоем. Хусусан дар панҷсолаи охир бо нишондоду фармонҳои сарвари мамлакатамон Шавкат Мирзиёев бисёр корҳои ба чашм намоён амалӣ шуд. Хусусан, ба сохтмони масҷиди мактабу боғчаи бачагона эътибори калон доданд.

Риштаи дӯстиву ҳамкории байни давлатҳои Осиёи Марказӣ мустаҳкам шуд, ки ин барои дигар давлатҳои хориҷӣ намунаи ибрат аст.

Ӯзбекистони нави мо дар қаламрави Тоҷикистон беморхонаи калоне сохта тӯҳфа карда бошад, Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба халқи Камонгарон мактаби сеошёнаи 560-нафараи замонавиро тӯҳфа кард. Ин аз қадимулайём дӯсту бародар, хешу табор, қудою анда будани тоҷику ӯзбекҳоро дарак медиҳад. Ҳокими ноҳия боз аз он шод гашт, ки сокинони қишлоқҳои Камонгарону Вағаштӣ риштаи дӯстии ҳамкориро мустаҳкам менамоянд.

Сипас, нафақахӯри шоиста Қуддусхон Асқаров, раиси «Нуронӣ»-и ноҳия Фармонҳоҷӣ Азизов, нафақахӯр, соҳиби медали «Шӯҳрат» Қурбон Мурод, раиси маҳалла Аслиҳоҷӣ Мавлонов ва дигарон баромад карда, ба ҷавонон фарқи гузаштаю имрӯзаро фаҳмониданд. – Бинед, ки дар муддати як сол дар маҳалла боғчаи бачагона ва мактабро аз нав таъмир карда, маҳалларо ба 4 маҳаллаи алоҳида тақсим карданд, ки ин кори осон нест, – гуфт Қ.Мурод. Насиҳату маслиҳати мо ба ҷавонони имрӯза ҳамин ки ҳаракат карда, касбу кор омӯзанд ва дар бунёди Ӯзбекистони нав саҳм гузоранд.

Дар тадбир гурӯҳи амалиёти «Бешқарсак»-и ноҳия ва хонандаи хушовоз Анвар Санаев иштирок карда, дили ҷамъомадагонро бо суруду таронаҳои худ шод намуданд. Ҳама пиру ҷавон рақсу бозӣ карданд.

## ЭЪЛОНҲО ЭЪЛОНЛАР ОБЪЯВЛЕНИЯ

Самарқанд шаҳридаги 11-умумий ўрта таълим (собиқ Самарқанд туманидаги 27-умумий ўрта таълим) мактабидан 1992 йилда Орипова Гулбахор Тўйчиевна номига берилган № 171176 рақамли ўрта маълумот тўғрисидаги шаҳодатнома йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Самарқанд туманидаги 16-умумий ўрта таълим мактабидан 1995 йилда Қаюмова Дилафрўз Джалиловна номига берилган № 11604 рақамли умумий ўрта таълим тўғрисидаги аттестат йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Самарқанд шаҳридаги 28-умумий ўрта таълим мактабидан 2007 йилда Туйчиева Назокат Махмудовна номига берилган U № 2490076 рақамли умумий ўрта таълим тўғрисидаги шаҳодатнома йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Қашқадарё вилояти Деҳқонобод туманидаги 10-умумий ўрта таълим мактабидан 1993 йилда Чориёров Алиёр Жураевич номига берилган АУ № 0675516 рақамли аттестат йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Гулобод ижтимоий-иқтисодий коллежидан 2008 йилда Николаева Ирина Алексейевна номига берилган рўйхат рақами № 0537, К № 0963565 рақамли диплом йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Самарқанд туманидаги “DAMIRJON SIFAT LAZZATI” оилавий корхонаси (СТИР: 305236674) номига берилган думалоқ муҳр ва бурчак тамғаси йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Самарқанд шаҳридаги “BARAKAMARKET BAXT” масъулияти чекланган жамияти (СТИР: 308582419), “AMIN BOBO SAVDO DO’KON” масъулияти чекланган жамиятига (СТИР: 306253757) қўшилишини маълум қилади.

Шу муносабат билан унга билдириладиган барча эътирозлар газетада эълон чоп этилгач, бир ой давомида қабул қилинади.

Самарқанд шаҳрида хусусий амалиёт билан шуғулланувчи нотариус Бахромова Фируза Заировна нотариал идорасида марҳум Темуров Тохирга (2019 йил 7 июлда вафот этган) қарашли мол-мулк учун мерос иши очилмоқда. Шу муносабат билан меросхўрлар Бахромова Фируза Заировна нотариал идорасига мурожаат мурожаат этишларини сўраймиз.

Манзил: Самарқанд шаҳри, А.Темур кўчаси, 108-уй.

Самарқанд шаҳрида хусусий амалиёт билан шуғулланувчи нотариус Саидова Зарина Хисравовна нотариал идорасида марҳум Султанов Мансурга (2020 йил 2 мартда вафот этган) қарашли мол-мулк учун мерос иши очилмоқда. Шу муносабат билан меросхўрлар Саидова Зарина Хисравовна нотариал идорасига мурожаат мурожаат этишларини сўраймиз.

Манзил: Самарқанд шаҳри, Жомий кўчаси, 64-уй.

МУКОФОТ МУБОРАК

# СИТОРАИ «ШОМИ САМАРҚАНД»

## ё сухане чанд дар бораи фаъолият ва эҷоди журналисти варзида Шаҳло Аҳророва



Ӯктам ИБРОҲИМ

### ДАР РОҲИ ОРЗУ

Орзуи касбу кореро ихтиёр кардан дар ҳар кас ҳар хел пайдо мешавад. Орзуи эҷодкор шудан дар дили Шаҳло Аҳророва ҳанӯз дар хурдсолӣ бедор гардида буд.

Шаҳло ҳангоми дар мактаб нарафта, аз модари меҳрубонаш хондану навиштанро омӯхт. Вай аз китоб ва рӯзномаҳои ҳамон замон ҳикояву афсонаҳоро мутолиа мекард, чистону шеърҳоро аз ёд менамуд. Шеър ва афсонаҳоро ба дафтараке навишта, худ ба худ мегуфт:

«Дар онҳо ин қадар шеъру афсонаҳои аҷиб ҳастанд... Ман ҳам ҳамин хел чизҳоро навишта метавониста бошам?»

Як рӯз мачаллаи «Машъал»-ро гирифта, пеши модараш рафт, ки дар танӯр нон мепухт. Модар гуфт:

– Духтарам, барои аз танӯр кандани нонҳо об биёр...

Шаҳлои хурдсол бо шавқ гуфт:

– Очаҷон, ман шеър навиштам. Ва баъдохатан гуфт:

Модари ман пазанда,
Пазандаи арзанда.
Модари ман нон пазанд,
Нони бомазза пазанд.

Ин як шеъраки тифлона нахустэҷоди Шаҳло буд. Солҳо сипарӣ гардиданд. Ҳангоми таҳсил дар мактаби рақами 18-и деҳаи Оҳалики ноҳияи Самарқанд Шаҳло асарҳои адибони мумтоз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Умари Хайём ва дигаронро бо ташнагӣ мутолиа ва азёд мекард. Асрори эҷодкорӣ вайро ором намегузошт. Пас аз хатми мактаб бо падараш ба шаҳри Душанбе рафт ва ба шӯъбаи журналистикаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Дар шӯъбаи журналистика маърӯзаҳои донишманди тоҷик Иброҳим Усмонов, ки дасти бисёр журналистонро рост кардааст, писанди вай буданд. Шаҳло пайваста дар ҷашнҳои адабии шоирон, нависандагони тоҷик иштирок мекард.

Вай пас аз хатми донишгоҳ чанде дар радиои Тоҷикистон фаолият намуду бо исрори волидон ба зодгоҳаш-Самарқанд баргашт. Бо таклифи рӯзноманигори шинохта Зоҳир Ҳасанзода ба телевизиони Самарқанд-СТВ ба кор омад.

– Шароити кор чандон хуб набуд, – он солҳоро ёдовар мешавад Шаҳло Аҳророва. – СТВ дар таҳхонае ҷойгир буд. Аммо мо хушбин будем. Аз моҳи сентябри соли 1991 дар ин ҷо беш аз 20 нафар ходимони эҷодӣ ва техникӣ бо роҳбарии Фирдавс Абдухолиқов кор мекарданд. Ҳамон солҳо барномаҳои «Чаманоро», «Таронаҳои дил», «Шоми Самарқанд», «Ахбор», «Хоби ширин, хурдтаракон» ва ғайра ба забони тоҷикӣ намоиш дода мешуданд.

«Шоми Самарқанд», ки барномаи адабӣ-мусиқӣ аст, дар миёни самаркандиён маҳбубияти хосса пайдо кард ва солҳост, ки миёни бинандагон рейтинги баланд дорад.

### АЗ МУШОҲИДАҲО

Тележурналистика хусусиятҳои хосе дорад ва на ҳар рӯзноманигор дар телевизион кор карда метавонад. Рӯзноманигори телевизион бояд зоҳири дилкашу ҷаззоб, нутқи бурро, талаффузи хуб дошта бошад. Инчунин, кор дар телевизион дастҷамъист, дар таҳияи барномаи телевизион баробари рӯзноманигор танзимгар, наворбардор, коргардон ва ғайра ҳамкорӣ мекунанд.

Боре ман кори Шаҳло Аҳророваро дар маҳаллаи Боғи баланд-Регистон мушоҳида кардам. Дар яке аз хонаҳои калони марказии маҳалла сӯзанӣ ва кашидаҳо овехта шуда буданд. Маросими арӯсбиёрон бо «саломномахонӣ» барпо карда шуд. Дар ин байн бо ҳунармандони маҳалла мусоҳибаҳо орогстанд. Хулоса, наворбардорӣ панҷ-шаш соат идома ёфт. Шаҳлобону орому қарор надошт. Вай гоҳо бонуворо барои шеъру сурудхонӣ омода мекард, гоҳи дигар ба наворбардор аз кадом дидгоҳ(ракурс) аксбардорӣ кардани саҳнаро мегуфт.

Илова ба ин, ҳар гоҳ ба телефони мобилии вай занг мезаданд, ки ҳар чӣ зудтар наворбардориро ба поён расонад, зеро наворбардор барои дигар корҳо лозим шудааст.

Ҳамаи ҳамин ҷараёни банаворгирии «Шоми Самарқанд»-ро мушоҳида карда, ба Шаҳло Аҳророва аҳсант мехондам, ки заҳматдӯст, бо сабру таҳаммул асту иродаи мустаҳкам дорад.

Шаҳло Аҳророва дар ин хусус чунин гуфт:

– Тележурналистро мардум мешиносанд. Вай дар ҳама ҷо дар мавриди таваҷҷӯҳи мардум аст. Аз ин рӯ, вай ҳангоме ки дар кадр пайдо мешавад, ҳамаро аз ёд баровардa, фақат корро бояд фикр кунад.

### БОЗДИД БО ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ

Шаҳло Аҳророва дар баробари кор дар СТВ, инчунин, ровии хушбаёну соҳири базми нишаст ва тӯйҳои самаркандиён буда, бо бисёр одамони машҳур: санъаткорон, шоирону адибон дар боздиду сӯҳбатҳо шудааст. Ҳамаи онҳо ба дафтаре, ки вай дорад, соядаст навиштаанд. Боре дар дафтар соядасти адиби нобиғаи қирғиз, шодравон Чингиз Айтматовро дида, пурсидам:

– Оё устод Чингиз Айтматов дар Самарқанд буд?

Шаҳло бо табассум гуфт:

– Боре дар як базм, ки дар тарабкадаи меҳмонхонаи «Интурист»-и Самарқанд мегузашт, ровӣ будам. Дар як кунҷаке устод Чингиз Айтматовро дидам, ки дар ҳалқаи адибони ӯзбек, қирғиз ва қазоқ менишастанд. Чингиз Айтматовро тавассути китобҳо, барномаҳои телевизионӣ хуб мешинохтам. Дар аввал ба чашмонам бовар накардам. Сипас, каме ҷуръат пайдо карда, пеши нависанда рафтам ва худро муаррифӣ карда, соядаст пурсидам. Устод гуфтанд, ки соядаст гуреxта намеравад, аввал як ҳунари сухандониятонро бинем.

Тӯйро бо се забон-тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ бурдам. Дар хотимаи тӯй боз ба назди устод Чингиз Айтматов рафтам.

– Хуб шуд, ки тӯйро бо се забон ровигӣ кардед. Самарқанд шаҳри ниҳоят зебо, нотакрор ва бостонӣ будааст. Ман ҳам мушоҳида кардам, ки дар ин шаҳр мардум ба се забон – тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ ҳарф мезананд. Дар дунёи нооромӣ имрӯза ваҳдати бани башар, дӯстии халқҳо масъалаи муҳимтарини умумибашарист. Шумо дар оянда ҳам барои дӯстии халқҳо ҳамин хел хидмат кунед, – гуфтанд устод ва соядаст навиштанд.

### ЭЪТИРОФ ВА ЭЪТИБОР

Шаҳло Аҳророва дар баробари чеҳраи зебо доштан, овози гӯшнавозу дилнишин дорад. Вақте дар маҳфилу ҳамоишҳо шеър қироат мекунад ё сухан мегӯяд, ҳозирин гӯшу хуш шуда мешунаванд ва бо кафкӯбиҳо истиқбол мегиранд. Бонуи фарҳангдӯсту меҳмоннавози мо гоҳо ва ҳамеша бахри сариваҳтӣ воқиф кардани мардуми вилоят аз навидҳои охирин кӯшиш мекунад. Имрӯз ҳарчанд фаъолияти телевизиони Самарқанд мувақкатан боздошта шудааст, гурӯҳе аз эҷодкорони он дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти канали «Садо ва симои Самарқанд»-ро ба роҳ мондаанд. Дар ин канал барномаҳои дӯстдоштаи мардум, ки дар бойгонии СТВ маҳфузанд, рӯйдодҳои охирини кишвар ва барномаҳои тозаэҷоди ҷамоа мунтазам гузошта мешаванд.

Хидмати сидқдилона ва меҳнати фидокоронаи Шаҳро Аҳророва борҳо бо диплом, ифтихорнома ва мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардидааст. Ба муносибати 30-юмин солгарди истиқлолияти давлати кишвар низ Шаҳло Аҳророва бо нишони сарисинагии «Ӯзбекистон мустақиллигига 30 йил» мукофотонида шуд.

– Вақте ба меҳнати инсон эътибор медиҳанд ва онро эътироф мекунанд, одам нерӯи тоза мегирад, – гуфт Шаҳло Аҳророва. – Ман аз ибтидо ҳаёти худро бо телевизион пайвастам ва ин соҳа ба мазмуни ҳаёти ман табдил ёфтааст. Мехоҳам дар оянда боз барномаҳои ҷолибу рангини фарҳангиро омода намоям ва бо ин бахри пойдории забони модарӣ, мустаҳкамсозии робитаҳои дӯстии байни халқҳо, умри абад ёфтани арзишҳои миллӣ саҳм гузорам.

АНҶУМАНИ МАТБУОТӢ

# Мавсими истироҳат ва солимгардонии бачагон чӣ хел гузашт?

Ҷамшеди АСРОР

Рӯзи 22-юми сентябри соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи иттиҳодияи ташкилотҳои Иттифоқи касабаи вилоят роҷеъ ба корҳое, ки аз рӯйи истироҳат ва солимгардонии бачаҳо амалӣ гардидаанд, анҷумани матбуотӣ доир гардид.

Дар вилоятамон бо мақсади таъмини иҷрои баёни ҷамъомади селектории Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 19-уми майи соли 2021 таҳти рақами 1 «Дар бораи чораву тадбирҳои омодагӣ ба мавсими истироҳат ва солимгардонии бачаҳо дар соли 2021 ба гузаронидани он» аз ҷониби ҳокимияти вилоят, садорат ва ташкилотҳои мутасаддӣ як қатор корҳо амалӣ гардиданд.

Дар тадбир раиси Шӯрои вилоятии Федератсияи иттифоқи касабаи Ӯзбекистон Сӯҳроб Рафиқов аз рӯйи мавзӯи анҷуман маълумот дод.

Таъкид гардид, ки имсол дар вилояти Самарқанд дар давоми мавсим 18983 нафар кӯдак солим гардонида шуд. Аз инҳо, дар истироҳатгоҳ (статсионар)-и берун аз шаҳр 7480 нафар, дар 56 майдончаи солимгардонӣ 11503 нафар бача истироҳат карданд.

Дар вилоят вобаста ба синну соли бачаҳо дар самтҳои гуногун истироҳатгоҳҳо ташкил гардид. Аз ҷумла, дар истироҳатгоҳи «Экологӣ-биологӣ, кишваршиносӣ» 90 нафар, дар истироҳатгоҳи «Дӯстӣ» (барои хонандаҳои мактабҳои таълими умумие, ки ба забонҳои ғайридавлатӣ таълим мегиранд) 112 нафар, дар истироҳатгоҳи «Тарбия ва солимгардонии варзишӣ» 100 нафар бачаҳо солим гардонида шуданд.

Инчунин, 367 нафар фарзандони оилаҳои камтаъмин ва мӯҳтоҷ, 60 нафар тарбиягирандаҳои «Хонаҳои меҳрубонӣ» бепул истироҳат карданд.

– Бо мақсади дар тарзи намунавӣ ташкил кардани мавсими солимгардонии тобистонаи соли 2021 дар шӯрои вилоятӣ штаби вилоят ташкил гардид,– гуфт С. Рафиқов.

Дар давоми мавсим тамоми истироҳатгоҳҳо ба масъалаҳои хизматрасонии тиббии босифат, қатъӣ риоя намудан ба қоидаҳои санитарӣгигиенӣ, таҳти назорат гирифтани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ва обиошомидании ва таъмини бехавфии бачаҳо эътибори ҷудогона дода шуд.

Инчунин, вобаста ба шавқу ҳаваси бачаҳо маҳфилҳое, мисли «Омӯзиши забони хориҷӣ», «Саводхонии компютерӣ», «Дӯзандагӣ», «Сохтани бозичаҳои нарм», «Рақс», «Санъати тасвирӣ» ташкил гардиданд ва беш аз 700-то тадбири маданию маърифатӣ ва вохӯриҳо, 570-то тадбири варзишӣ гузаронида шуданд.

Дар поёни анҷуман ба 17 нафар кормандони беҳтарини ташкилот ва корхонаҳое, ки дар мавсими имсола фаъол меҳнат карданд, ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотирмони Федератсияи иттифоқи касаба тантанавор супурда шуд.



КИТОБИ НАВ

# «101 латифаи Насриддин Афандӣ»

Асалой САРХАТЗОДА, донишҷӯйи ДДС

Хоҷа Насриддин Афандӣ қаҳрамони латифаҳои фолклории халқҳои Шарқ, мамлакатҳои Бахри Миёназамин ва Балкан ба ҳисоб меравад. Вай қаҳрамони ҳикояҳои хурди ҳаҷвӣ, латифа, мутоиба ва ҳатто афсонаҳои кӯтоҳи иҷтимоӣ мебошад. Дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик, дар адабиёти араб, форс, турк, хитой, инчунин адабиёти Кавказ ва Балкан бисёр латифа, мутоиба ва ҳикояҳои кӯтоҳ дар бораи Хоҷа Насриддин вомехӯранд.




Симои ин қаҳрамони халқӣ ботинан пурзиддият, ҳақгӯ, адолатпарвар, исёнкор ва ниҳоят доно мебошад, баъзан соддалавҳона, гоҳо девонафеълона рафтор мекунад, дар макру фиреб ва зарофату ҳозирҷавобӣ ҳамто надорад.

Дар таҳия ва тарҷимаи ҳаҷвнигори намоён, Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Бахтиёр Ҷумъа, китобе бо унвони «101 латифаи Насриддин Афандӣ» тавассути нашриёти «Турон нашр» бо адади зиёд рӯйи чопро дид.

Дар ин маҷмӯа 101-то латифаи намакини дар байни халқҳои гуногун машҳури Хоҷа Насриддин ҷамъ шудааст. Латифаҳо аз забонҳои булғорӣ, хорватӣ, қазоқӣ, озарбойҷонӣ, сербӣ, эронӣ, юнонӣ, туркӣ ва дигар забонҳо тарҷума шудаанд. Умед дорем, ки писанди хотиратон мегардад ту сидқи дил механдед ва ғубори дилатон кам мешавад. Нашри қисми дуввум ва сеюми китоб дар назар аст.

ИБРАТ

# Се васият

Султон Сулаймон се рӯз пеш аз вафоташ се чизро васият кардааст:

1. Тобуташро табибҳои аз ҳама бузургтарини давлат ба қабр бардошта баранд;

2. Тамоми бойигарӣ – ҷавоҳиру тиллоҳояшро ба роҳе, ки сӯйи қабр мебарад, бипошанд;

3. Ду дасташро аз тобут берун бикунанд.

Дарбориён ҳайрон шуда, сабаб мепурсанд. Султон Сулаймон ҷавоб медиҳад:

– Бигзор бузургтарин табибон тобути маро бардоранд ва мардум бубинанд, ҳар чӣ қадаре ки табибони оличаноб маро табобат кунанд ҳам, онҳо дар назди аҷал нотавонанд ва марг ҳақ аст.

– Тамоми боигарии маро дар роҳ пошед, бигзор мардум донанд, ки одам чӣ қадар сарват ҷамъ накунад, онро ҳамроҳ ба охират бурда наметавонад.

– Ду дастамро аз тобут берун намоед, то мардум бубинанд, ки дар чунин мақоми олӣ, султони давлат, соҳиби сарвати бузург будан ва дар саройҳои боҳашам зиндагӣ кардан, ба қабр бо дасти холӣ меравам.

Таҳия ва тарҷумаи Л.РАҲИМОВА

ВАРЗИШ

# Мусобиқаи «Устод аз падар бузург» анҷом ёфт



Раҷаббой СОҲИБНАЗАРОВ

Дар толори филиали самаркандии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ бахшида ба 1 – уми октябр – Рӯзи муаллим ва мураббиён» зери шиори «Устод аз падар бузург» аз рӯйи намуди шоҳмот мусобиқа баргузор гардид.

Дар мусобиқа аз вилояти Навоӣ ва ноҳияҳои Оқдарё, Нуробод, Ҷомбой, Пайариқ, Самарқанд ва Пастдарғами вилояти Самарқанд, инчунин, мураббиёни филиал, наздики 60 нафар мухлисони шоҳмот барои ғолибият камар бастанд.

Мусобиқаро директори филиал У. Мамарасулов кушод. Сипас, мудири кафедраи методикаи тарбияи ҷисмонӣ, профессори Ҳ. Рофиев оиди мазмун ва моҳияти қарори Президенти кишвар «Дар бораи чораҳои такмили сохтори ривоҷдиҳӣ ва оммавигардонии шоҳмот, инчунин, омодасозии шоҳмотбозон» таҳти рақами ҚП-4954 сухан кард.

Дар мусобиқа, ки ҷолиб гузашт, ҷойи аввалро Саидмӯмин Умаров, ҷойи дуввумро Бекмирзо Мавлонов, ҷойи саввумро Толиб Шарипов соҳиб шуданд. Боиси эътироф аст, ки ҳар се нафар ғолибон омӯзгорони мактаби таълими умумии рақами 13 –и маҳаллаи «Оқсой» –и ноҳияи Нуробод буданд.

Дар анҷом ба ғолиб ва иштирокдорони фаъол аз ҷониби маъмурияти филиал ва иттифоқи касаба диплом, ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Овози Самарқанд

МУАССИСОН:
Шӯрои намояндагони халқ ва ҳокимияти вилояти Самарқанд
Ovozi Samarqand - xalq deputatlari Samarqand viloyat Kengashi va viloyat hokimligining gazetasi

Сармуҳаррир
Баҳодур РАҲМОНОВ

Рӯзнома дар Садорати матбуот ва ахбори вилояти Самарқанд 2-юми июли соли 2012 таҳти рақами 09-04 ба қайд гирифта шудааст.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Индекси обуна 419
Рақами нашр 250
Адади нашр 3134
Супориши 690
Ба чопаш соати 21.00. 24.9.2021 имзо шуд.

Ⓣ -мақолаи тиҷоратӣ

Рӯзнома дар маркази компютерии «Овози Самарқанд» саҳифабандӣ ба дар ҶММ «Нашир Люкс» чоп шудааст. Сифати чоп бар ӯҳдаи матбаа аст. Манзили матбаа: шаҳри Самарқанд, кӯчаи Спитамен, 270.



НИШОНИИ МО:
140100. Шаҳри Самарқанд, кӯчаи У. Турсунов, 80.
Телефонҳо:
Қабулхона: 233-91-71, Ҷонишини сармуҳаррир: 233-91-70, Шӯъбаи реклама ва эълонҳо: 233-91-72.
E-mail: ovozisamarqand@umail.uz.

Муҳаррири навбатдор
Фозил ШУКУРОВ

Навбатдор
Наврӯз БОБОАҲМАДОВ

Саҳифабанд
Сироҷ РАҶАБОВ

ISSN 2010-6688

Дар фурӯш нархаш озод